

## Баҳманёр аз диди ман нависандаест, ки назираш дар адабиёти мо набуда ва ҳанӯз ҳам нест.

# ШОЪИРЕ

**(Аввалаш дар шумораи қаблӣ)**

Аз вежагиҳои забонӣ ва сабки Баҳманёр яке ин аст,ки вожаҳо ва ё таъобир ё таркибҳо гоҳо чанд маънӣ пайдо мекунад ва ҳама дар ҷои худ қарор мегиранд. . Аслан нависанда ба ҳадде бо забон ишқ меварзад ва он қадр онро фаро гирифта ва омӯхта аст,ки ту гӯйи дар ин жарфову паҳно яккатозест,ки аспи бидавро зин зада аст …Чунончӣ "Рахши вақт чоргома метохт. Табиат нобуд мекарду месохт. Зиндагӣ ато мекарду марг бозпас месохт. Тақдир оҳанги тасодуф менавохт ва бо ин тасниф инсонро ба вартаи иштибоҳ меандохт, дар кӯраи имтиҳон мегудохт, ки аз он одам гаҳе мебурду гаҳе мебохт.

Аммо муйсафед гӯё аз итоати вақту фазо берун буд.

Қонуни гардун ба мулки рӯҳонии ӯ панҷа намекашид,селоби вақт ба кохи зарандуди умедаш намедавид."!

Шумо тасаввур кунед,чунин шеваи гуфторро ва забони шеворо дар кудом нависандаи имрӯз метавонед,пайдо бикунед?! Ин ҷо забон сеҳр дорад.Ин матне ки овардам,дақиқан солҳо пеш дар зеҳнам нишаста аст ва аз ёдам навиштам.Ба ёди забони шево ва зебои "Гулистон" уфтодам,ки бетардид онҳое ки ба адабиёт сару кор доранд,ин шоҳкори адабиро медонанд ва дӯст медоранд ва муҳимтар аз ҳама ҳар кадоми мо ҳикоётеро аз ин шоҳкор дар ёд дорем. Забоне ки морро аз хонааш берун мекашад,забони ҷодуйист! Ман шак надорам,ки Баҳманёр ошиқи "Гулистон" ҳам ҳаст ва садҳо вожаву,таъбиру ҷумлаву мақолу зарбулмасалҳоеро аз ин шоҳкори адабӣ аз худ карда аст ва бетардид Саъдӣ яке аз омӯзгорони бузургест,ки Баҳманёр аз ӯ омӯхта аст ва хуб омухта аст! Танҳо ба назарам чунин менамояд,ки дар забони "Гулистон" вожа ва таъобири арабӣ ва ба вежа истифода аз ҷамъи шикастаи ъарабӣ бештар аст( забони насри он рӯзгор чунин буд!) ,вале дар забони Баҳманёр талош шуда ки таркибҳо ва вожаҳо порсӣ бошанд.Ин ҷо манзур танҳо забону баён аст,на муҳтаво! Забон комилан забони шеър аст .Мешавад ҳамин ҷумлаҳоро ба тарзи шеъри озод бинвишт.Чунончи:

*Рахши вақт чоргома метохт,*
*Табиат нобуд мекарду месохт.*
*Зиндагӣ ато мекарду*
*Марг бозпас мехост*
*Тақдир оҳанги тасодуф менавохт,*
*Ва бо ин тасниф,*
*Инсонро ба вартаи иштибоҳ меандохт,*
*Дар кӯраи имтиҳон мегудохт,*
*Ки аз он одам гоҳе мебурду гаҳе мебохт….*

Магар дар ин сатрҳо таъобир ҳама шоъирона нест?! Саъдӣ яке аз бузургтарин шоъирони мо буд ва табиъӣ буд , ки забони насраш ҳам шоъирона буд,ва ба ҷаҳон бо чашми шоъир менигарист.Вале Баҳманёр нависандаи кунунӣ, чӣ гуна ба кашфи чунин забону баёни шигарф даст ёфт ,ин худ яке аз шигифтиҳои рӯзгори мост! Гузашта аз ин ба назари ман Баҳманёр одами бисёр ҳассос бо қалби шоъиррона ,тавонист,ба пояи як нависандаи барҷаста ва халлоқе бирасад ,ки аносири шеъру достону,наққошию, синамогариро дар осори худ ба ҳам омезиш бидиҳад ва аз ҳамаи ин ҳунарҳо барои кори халлоқии худ,баҳра бигирад. Ҳар достони Баҳманёр як сенориёи омода аст,барои филм.Бо камоли таасуф на имрӯз филмсози барҷастае дорем ва на кори филмсозӣ дар кишвари мо равнақ дорад.Талошҳое,ки ҳунармандони алоҳидаи мо дар ин росто доранд,чунонки мебояд ҳимоят намешавад.Филмсозӣ барои ҳар кишваре кори бисёр муҳим аст,ки аз як суй дар тарбияи ҷомиъа асаргузор аст,аз суйи дигар давлат бо пуштибонӣ аз ин ҳунар метавонад,андешаҳои миллӣ ва ҳатто сиёсати худро интишор бидиҳад.Чунонки ин корро амрикоиҳо ва ҳиндиҳо ва эрониҳо ва кураиҳо ва гурҷиҳо ва русҳо ва фарансави ва итолиёиҳо ва ғайра бо муваффақият анҷом медиҳанд! Гирем достони " Нархи одам"и Баҳманёрро. Ба назари ман ин як сенории бисёр олӣ барои филмсозони бузург аст.Вале кӯ ҳамон филмсози бузург ва коргардони бузурге ки ин достонро филм бисозад ва ё ба саҳнаи теотри дромотик бигзорад. Магар Барзуи Абдураззоқ,ки чанде пеш дар ин мавзӯъ сӯҳбатҳое доштем ва ман ин достон ва достони "Пешрави дор" ро барояш ирсол кардам ва хостам,ки барои дар саҳна гузоштани ин достонҳо бияндешад. Дареғо,ки Барзу низ дар меҳани азизи мо бо ҳамон далоиле ки дар мавриди Баҳманёр ишора кардам,мавриди белутфӣ ва номеҳрубонӣ аст!

Моҷарои марги Фаридаддини Аттор шоъир ва орифи бузурги миллати мо ,яке аз ғамангезтарин рухдодҳои таърихи пурпечухами мост, ин достони рӯзгорест,ки ба қавли нависандае "саҳафоти замин аз хуни тоҷик гулгун буд" (Фазлии Ҳиравӣ). Тазкиранависон дар ин хусус нигоштаанд ки пас аз тасаллути Чингизхони муғул бар билоди Хуросон Шайх Аттор низ ба дасти лашкари муғул асир гашт. Гӯянд муғуле мехост ӯро бикушад,шахсе гуфт ин пирро макуш ки ба хунбаҳои ӯ ҳазор дирам бидиҳам. Аттор гуфт: Мафрӯш ки беҳтар аз ин маро хоҳанд харид. Пас аз соъате шахси дигаре гуфт: Ин пирро макуш ки ба хунбаҳои ӯ як киса (халта) коҳ туро хоҳам дод. Шайх фармуд: бифрӯш ки беш аз ин намеарзам.Муғул аз гуфтаи ӯ хашмнок шуд ва ӯро аз пой даровард. Ҳамчунин аз таърих медонем,ки шаҳри Нишобур аз суйи муғулон ба хок яксон ва мардумонаш, ки ҳама тоҷик буданд, қатли ом шуданд .

Ва Баҳманёр ки бетардид манобеъи фаровоне хонда ва таърихро хуб фаро гирифтааст, ин достони ғамангезро бисёр драматик,ва ҳаяҷонбарангез ва устодона зинда карда аст. Ин достон ба ҳадде ҳаяҷонбарангез ва ҷолиб аст, ки ба назари ман нависанда тавонистааст дар чанд саҳифа муҳимтарин вежагиҳо ва шеваи ваҳшиёнаи зиндагии ва аъмоли ғосибони он рӯзгорро ба таври зинда ва бо ишора ба фалсафаи зиндагии бумиён ва биёбонгардон ба намоиш бигзорад.Чунончӣ,вақте сухан аз қотили Аттор меравад,мегӯяд "*Чоқу андеша карданро хуш надошт,вай асп тохтан,дар ғафлат мондан,поймол кардан,хун рехтан,ғанимат гирифтанро хуш дошт…*" Хуб ин ишора кофист,ки хонанда бидонад,шайхи бузургвор Аттори Нишобурӣ ба чӣ балое рӯ ба рӯ шуда аст.Вале бо ин ҳама нигоҳи ин пирамарди наҳиф ва соҳиби "як халта риш" (ин ҷо ишораест ба кӯса будани қавми муғул!) ва нерӯйи азими маънавӣ кофӣ аст,ки дар дили он марди ваҳшӣ ( яъне Чоқуи муғул!)шӯре барпо шавад ва ҳаросе падид ояд. *"Тоқати дидани чунин чашмонро надошт муғул.Монанди ду чашми бабре,ки барои хон туҳфа карда буданд.Фақат он бабр бо як нигоҳи мутеъ менигаристу ин бошад бо як тараҳуме менигарад,гӯё на муғул варо,балки вай муғулро асир гирифта бошад!".*

Тамоми ин достони ғамангез, ки бо ҳамон сабки зебои шоъирона офарида шуда ва аз саноеъи такрор,саҷъ, ва тасвирҳои дромотик фароянд шуда аст, ду шеваи зиндагӣ ва ду характери миллиро бисёр барҷаста ва мушикофона нишон додааст. Ба ин таззод нигоҳ кунед " Ин қавм ки чун яъҷуҷу маъҷуҷ бар сари онҳо рехт,тухми одамро ба ғалбери парешонӣ дар олам бехт,неку бадро бо ҳам омехт,сазовори бовар набуд." Ва тарафи муқобил баръакс комилан рафтори мутафовут дорад. *"Вақте ки онҳоро тӯда тӯда асир мегирифту ба фурухтан вақт намеёфт,ба номи худояшон қасам дода мегуфт,ки то дар ҷояшон бошанд,вай пас аз соате сар аз танашон ҷудо хоҳад кард ва пас аз соате мунтазирашон меёфт,ки ларзону дуохонон нишастаанд"* Дар воқеъ муғул чӣ гуна ин тоифаро дарк кунад,ки фалсафаи зиндагии ӯ комилан дигар аст! Ниёкони мо мукаррар мефармуданд, ки: Чун теғ ба даст орӣ,мардум натавон кушт, Наздики худованд бадӣ,- нест фаромушт . Медонем,ки нависанда ин ҷо аз танз низ истифода карда,вале танзи дарднокест.Ҷолиб ин аст,ки он чӣ нависанда бо забони танз ишора кардааст , ҳаводисе амсоли ин ишораҳо ,дар бархе аз китобҳои таърих низ, омада аст.Яъне нависанда комилан бо фазои он рӯзгорони таърихӣ ва ҳаводис ошнойӣ дорад ва тавониста аст,як гӯшае аз таърихи моро бо ҳунари хеш барои ҳамеша ҷовидонӣ созад. Достонҳои "Пешрави дор", "Заринаи зарнигор", "Куштор дар Ялмо" ва ғ. низ гувоҳи баҳрабардорӣ ва ё истифодаи огоҳона аз ҳаводиси тахрихӣ аст ва ҳар яке аз ин достонҳо ки доройи руҳи бузургӣ миллатдӯстӣ ва меҳанпарастӣ мебошад, мебояд ба китобҳои дарсӣ барои донишомӯзон шомил бишавад ва дар тарбияти насли ҷадид ширкат намояд. Ишора кардам,ки яке аз вежагиҳои достонҳои кучаки Баҳманёр ин аст- ,ки дар ағлаби онҳо драматизм ва саҳнаҳои ҳаяҷонбарангез бисёр неруманд аст,гоҳо гумон мекунед,ки аз оғоз то анҷом Шумо шарики шодию ғами қаҳрамонҳои достон ҳастед.Ва ба ҳеч ваҷҳ наметавонед бетафовут бошед. Нависанда ҳам аз сабки афсонаҳо ва ривоятҳои миллӣ ва ҳам аз асотир ва таърих ва ҳам аз адабиёти реолистию романтикӣ ва ҳатто экзистенциали?стҳои ғарбӣ ,амсоли Албер Комю ва Жан Пӯл Сортр (Жан-Поль Сартр) ва ғайра баҳра бардошта аст. Вале ӯ пойбанди ҳеч яке аз ҷараёнҳо ва макотиби адабии ҷаҳон нест.Доираи омӯзиш ва тавони фарогириаш ба ҳадде буда,ки ба назари ман тавонистааст , макотиб ва ҷараёнҳои адабиро дарнавардад ва чун фарҳангу тамаддуни миллии моро жарф фаро гирифта аст ва кораш дар ин росто амиқ ва решадор аст, тавониста аст ҳар чизе ки барои кори халлоқии ӯ лозим аст,аз ҳар ҷое биомӯзад ва ба ин ҳадди халоқӣ ва эҷоди сабки хоси худ бирасид.,ки ин вежаи нависандагони бузург аст. Сабки Баҳманёр омезае аз реализму романтизм аст, ки аносири аксари макотиби бузурги адабиро дар худ омезиш дода аст.- Албатта ,баррасии фарогири ин масъала ниёз ба пажуҳиши вежа дорад. Вале пайдост,ки сабки Баҳманёр ва забону баёни ӯ сеҳрофаоин аст. Ин ҳамон ҷодуии аст,ва вақте дар достоне иттифоқ меафтад,ки нависанда ё шоъири ҳунарманд,порае аз рӯҳи худро дар қолаби вожаҳо ироа медиҳад,мисли ҳама достонҳои бузургони адабиёти ҷаҳон,мисли достонҳои "Шоҳнома" и Фирдавси,ки ба таъбири доное ,дар ин достонҳо шоъир рӯҳи худро бар ҷой гузошта аст.Вақте ,ки нависанда рӯҳи худро бар ҷой мегузорад кори ӯ мондагор хоҳад шуд. Ва ба қавли бузургворе:

***Сухан к- аз сӯзи дил тобе надорад ,***
***Чакад гар об аз ӯ обе надорад…***

Албатта ,Баҳманёр,ҷойгоҳи худашро дар адабиёт медонад ва қадрношиносиҳои атрофро низ мебинад ва табиъист,ки чунин муҳит ва чунин рафтор нисбат ба ҳунар ва ҳунарманд, наметавонад ба дили нозук ва мағзи нооромии ӯ асар нагзорад .Ва ғурур ва хӯйи озодагӣ ба ӯ иҷоза намедиҳад,ки бепарво бошад. .. Ва ин вазъ наметавонад ба зиндагӣ ва саломатии рӯҳу ҷисми нависанда асар нагзорад.

Ҳоло бояд ба хонанда ҳушдор диҳем,ки нависанда вақте аз ҳунаре ки ҳирфаи худи ӯст ҳарф мезанад,мутаъасиб аст. Ӯ хеле табиъӣ фикр мекунад,ки пешаи худаш беҳтарин кор аст. Ва андешамандон бар онанд,ки ҳар нависандаи воқеъӣ,он ҷур ки метавонад ва он тур ки бояд,чизе менависад барои ин ки навъи хоссе аз одамизод аст,истеъдоди хосси худ ва хулқ хуйӣ вежаи худро дорад- ,аз ин ру ,ашёро бо шевае ки ихтисос ба худи ӯ дорад мебинад ва ба диди худаш ,ҳамон шаклеро медиҳад ,ки табиаташ ба ӯ таҳмил карда аст.Аз ин рӯ вақте яке аз дӯстон аз ман суол кард,ки чаро ҳампешаҳои Баҳманёр ,ки бетардид ҷойгоҳи Баҳманёрро дар

адабиёт медонанд вале ба вуҷуди ӯ ифтихор надоранд ва аз рӯйи ҳасодат ва нотавонӣ ӯро қадршиносӣ намекунанд,ман посух додам,ки имрӯз дар ҷаҳон алоқамандӣ ба адабиёт ва ба нависандагони бузург коҳиш ёфта аст , ва мардум гирифторанд,ва бисёре китоб намехонанд ва кор ба ҷое расида аст,ки метарсам ,теъдод ё тирожи маҷаллаҳои адабӣ аз теъдодии узви иттиҳодияи нависандагон камтар бошад. Ва ин воқеъият ҳам ҳаст,ки асбоби мухталиф дорад .Вале , эҳсос кардам,ки ҳарфам чандон содиқона набуд.Бояд мегуфтам,ки ҳасодат вуҷуд дорад ва бархе гумон кардаанд,ки худо накарда бузургии як ҳамкорашонро дар ҳунари нависандагӣ эътироф бикунанд,аз бузургии эшон кам мешавад! Варна чӣ гуна метавонанд,дар бораи нависандае бе он ки китобҳояшро хонда бошанд,ҳарфҳои парокандае ва пеши поуфтодаеро,ки дар бораи ҳар қаламбадасте мешавад гуфт , бигӯянд ва ин ҳама талошҳо ва офаридаҳои ӯро нодида бигиранд?! Ва ин назари носолими худро бо ҷумалоти берабт ва бемаънӣ ва муғризона баён бикунанд ?! Дар ин маврид ба назари ман барои эътирофи нависандаи бузург , эътирофкунанда бояст эътимод ба хештан медошт ва ё дорои қудрати мағзи адабиётӣ ва шукуфоии он аз бисёр ҷиҳатҳо ба хонанда марбут аст.Ҳар қадр хонанда ҳушманд ва ҷуё ва пуё бошад,барои нависанда ба ҳамон андоза ҳушмандӣ ва пуёӣ ва офаридгорӣ меафзояд . Ё баръакс ҳар қадр нависанда тавоно бошад, ва кори худро бо маҳорат ва пуёӣ анҷом диҳад,хонандаи ӯ низ бояст барои фаҳму дарки он талош варзад .Кудом яке аз нобиғаҳои адабиёт гуфта буд ки адабиёти бузург ниёз ба хонандаи бузург дорад. Баҳманёр ,чунонки ишора кардам,худ хонандаи бузургест,ки аз адибони ҳамнасли мо касеро намешиносам,ки баробари ӯ китоб хонда бошад . Ӯ аз он хонандагонест, ки на фақат ҳар сатр,балки моварои сутурро мехонад ва ҳамчун нависанда достонҳое офарид,ки дар бисёр маврид дар таҳти онҳо маънии дигар ё ба истилоҳ маънии пайдову пинҳон ҷой дорад ва мухотаби достонҳои ӯ касонест, ҳастанд ,ки тавонанд моварои ҷумлаҳо ва достонҳоро бихонанд..Гавҳари ҷони достон инсон аст ва ҳамаи аносири достон ҳар кадом нишонае аз мост . Мавлоно дар достони аъробӣ ва занаш ки кӯзае аз оби олударо ба унвони ҳадя пеши шоҳ бурданд мегӯяд ҳама аносири достон ,мо ҳастем. -Ҳам ъараб мо ,ҳам сабӯ мо ҳам малак!

Ҳоло достон фарқ намекунад,ки ба сураст. Вале ба назар чунин мерасад,ки танҳо чизе ки андаке ба нависандаи ноороми мо оромиш мебахшад ин аст,ки медонад дар андешаҳояш озод аст ва касе наметавонад ин озодиро аз ӯ бигирад ё салб кунад.Аммо дар матн лаҳзае фаро мерасад,ки тайи он қаҳрамони аслӣ аз дигар шахсиятҳои достонӣ ҷудо мешавад ва тамоюлашро ба манзури ошноӣӣ бо дунёи берун иброз медорад . Дар ҳамин лаҳза аст,ки мани даруниаш дигар зарфияти вуҷуди ӯро надорад ва бо назараш мерасад,ки бояд ба ҳар тариқ ки шуда аст онро бо дунёи берун муртабит созад. Ин аст,ки мо имкон пайдо мекунем,ки воқеъиятҳоро чунонки ҳаст,бидуни ҳеч гуна пардоз бубинем.Ин аст,ки пас аз марги модараш кампири Майса писар бодахориро раҳо мекунад ва ғайра…

Аз ҳарчӣ бигзарем нависанда қудрати тахайюл дорад ва агар нависандаи хубе бошад метавонад ба қолаби рӯҳӣ ва фикрии қаҳрамонҳои худ биравад ва эҳсосоти онҳоро ки зода ва парвардаи худи ӯ ҳастанд ҳис кунад.

Чехов Мопасанро сармашқи худ қарор дода буд. Агар худаш ин матлабро ба мо нагуфта буд ҳаргиз бовар намекардем Зеро аҳдофи эшон ва шеваи корашон комилан




# АЗ САРМАДДЕҲ



Сафар
АБДУЛЛОҲ

беҳамтое мебуд, то бо коре ки мухолифи тамойулоти ғаризааш аст, мувофиқат кунад.Одам вақте интиқодоти як нависандаро дар бораи кори нависандаи дигар мехонад,бояд мувозиб бошад.нависанда мехоҳад он чизеро олӣ бидонад,ки ба худаш нисбат медиҳад,ва бояд интизор дошт барои сифоте ки худаш фоқиди онҳост, арзише қоил нашавад. Самерсет Моэм нависандаи бузурги инглис ва муалифи таълифоти зиёд роҷеъ ба достоннависӣ ва адабиёт боре ошкоро навишта буд,ки яке аз китобҳои бисёр хуберо дар бораи румон хандам ва он китоб ба қалами нависандаи қобили таҳсине нигошта шуда аст,ки дар умри худ ҳаргиз натавонистааст як достони мавaҷҷаҳ (писандида) ва қобили қабул ибдоъ кунад.Аз ин ки дидам ӯ румони нависандаҳои боистеъдодро ҳақир мешуморад,таъаҷуб накардам - румоннависҳое ки бо истеъдоди бузурги худ қодиранд ба ҳаводисе ки нақл мекунанд эҳтимоли сиҳатии (verisimilitude) ҳаяҷонангез бидиҳанд. Ки ин кори соддае нест! Ӯро аз ин бобат сарзаниш намекунам.Мудоро сифати бисёр хуби инсон аст,агар ҳамагонитар буд ,дунёи имрӯз барои зиндагӣ кардан матбуътар аз ин буд,ки ҳаст,вале чандон мутмаъин нестам ки ин сифат дар як нависанда ҳам то ин ҳад хуб бошад. Барои он ки дасти охир ӯ чӣ дорад,ки ба Шумо бидиҳад? Худашро ! Ин хуб ас т,ки нависанда вусъати дид дошта бошад.барои он ки зиндагӣ бо ҳама вусъат ва доманаи худ қаламрави ӯст. Вале нависанда зиндагиро фақат ба чашмҳои худаш метавонад бубинад ва бо аъсоби худаш,дили худаш ва эҳсосоти худаш онро дарк мекунад ва огоҳии нависанда албатта ғаразолуд аст,вале рӯшан ва мушахас аст.Тарзи талақии ӯ муъаян аст ва ихтисос ба худи ӯ дорад. Ин андашаҳо комилан дуруст аст,вале бо як шарт.Шарт он аст,ки нависанда ба ҳамон пояи ҳунарӣ ва ахлоқӣ расида бошад,ки офаридаҳои дигаронро ,пеш аз ҳама ҳампешаҳои хешро ,бо алоқамандӣ ва ъишқ бихонад ва аз дастовардҳои адабӣ ва ҳунарӣи ёронаш шодмон шавад,ва бо диди фарохтар ба ҷаҳон нигарад,то имрӯзиёну ояндагон бубинанд,ки ин нависанда нотавонбину муғриз нест,ва барои эътирофи ҳунари ҳампешагонаш чашми сару чашми дилаш боз аст …

Мо хонандагон ,ки албатта бо китоб зиндагӣ мекунем,эҳсос мекунем,ки мо ҳам дар достон ҳузур дорем.Мушорикати хонанда дар офариниши достон,иртиботи хонанда ва нависанда,бисёр муҳим аст. Албатта,рушди ти мансур офарида шуда ва ё мавзун. Сухан аз асли достон аст.

Баҳманёр шахсияти мураккабе,вале бидуни шак истисноӣӣ аст. Дар вуҷуди ӯ як озодии ботиние нуҳуфта аст,ки ӯ онро ҳаргиз бо ҳеч ганҷе иваз намекунад. Ин рӯҳи озод дар тамоми осораш ҳувайдост. Ин нерӯи мустаҳкамро мо дар нигоҳи раҳими Шайх Аттор ба қотилаш мебинем,дар рафтори гӯяндаву кӯҳистонию созанда ва ба вежа дар посухи оҳангсоз ба Темури ланг,дар муносибати Умеди ошиқи Заринаи Зарнигор ба мири Агмаддара Бектош валади Темуртош,дар рафтори ағлаби Сармаддеҳиён мебинем , ҳатто заноне ки Баҳманёр тасвир мекунад ба наҳве занони озода ва озоданд.Дар сатҳи худ озодандешанд ва дар рафтори худ ин озодиро нишон медиҳанд . Рафтори бархе истисноӣӣ аст. Чунончӣ духтари нозанине бо номи Фариштамоҳ марди нобакорро ,ки ошиқи ӯро кушта буд, бо дироят ҷазо медиҳад ва русторо тарк мекунад. Ё қаҳрамони дигари ӯ "Шеда" ро аз достони "Зурахш" ба ёд оваред,ки чӣ корномаҳое аз худ нишон медод ва то чӣ ҳад ҷасур буд,ки барои ҳифзи обрӯ ва ҳайсияти хеш аз ва хонаводааш,ки барои паймон нашикастан ин духтари нозанинро дар бузкашӣ солин монда буданд, ,чобук ба асп менишинад ва аз паҳлавонони дигар дар мусобиқи бузкашӣ пирӯз мешавад.. Ағлаби қаҳрамонони Баҳманёр, обрӯ,шараф ва номуси хешро аз ҳама ганҷи дунё боло мегузоранд ва дар ин роҳ маргро аз бадномӣ авлотар медонанд. Чунончӣ кампири Майса аз достони "Чашми мӯр" . Ва дар бархе аз достонҳояш,ба вежа достонҳои ахиран офаридааш,ман аз пушти сатрҳо чеҳаи ӯ ва зиндагии ӯро мебинам. Масалан дар румони "Шоҳаншоҳ". Ё, вақте кампири Майса аз ҳоли писари арақхӯраш нигаронӣ дорад ва дар достони " Чашми мӯр" бо ҳамин содагию бепироягӣ аз дил мегузаронад,ки"Одам ки маст шуд,ҳама тормузҳои ақлу шармаш суст мешавад…" бетардид мо бовар мекунем. Ва вақте рафтору кирдори писари ягонааш Шоҳон аз "баракати" майзадагӣ ,ки ҳама касу ҳама чизро фидойи майгусорӣ мекунад ,ва талошҳои модар барои ҷилавгирӣ суде намекунад, модар маҷбур мешавад,ки даст ба худкушӣ бизанад .Ва ниҳоят ба фарзандаш мегӯяд,ки "Ин бори охир аст,ки бо ту ҳарф мезанам,дигар ту медониву шишаи паҳлӯят,ки ҷойи модар,зан ва фарзандонатро гирифта аст…"

Ва ин зани бо нангу номус ҷораро дар ин мебинад,ки биравад ва худро дар шохи чаноре ба дор бикашад… Ҳодисаи ҳузнангез мутафовут менамояд. Ба таври куллӣ Мопасан мекӯшад достонҳои худро ҳаяҷонангез кунад ва барои ин кор ҳозир буд агар лозим шавад "муҳтамил" будани ҳаводиси достонро фидои шӯру ҳаяҷони он созад.Дар ҳоле ки Чехов амдан ва комилан огоҳона аз ҳаводиси ҳаяҷонангез парҳез мекард. Ӯ мардуми оддиро мавриди баҳс қарор медод ки зиндагии оддӣ доранд. Чехов метавонист ба ҳаводисе ки васф мекунад воқеъияти хориқулъодда бидиҳад.Дар достонҳои ӯ он чиро ки бо Шумо гуфта мешавад мепазиред. Яке аз муҳақиқиони осори Чехов гуфта буд, ки "Дар диди ъайнӣ (объективный) Чехов ки болотар аз ғамҳо ва шодиҳои шахсӣ ва хусусии ӯ қарор дошт, ҳама чизро медид ва мешинохт,метавонист меҳрубон ва карим бошад бе он ки дӯст бидорад,шафиқ ва дилсӯз бошад,бе он ки дилбастагӣ дошта бошад, бонии хайр бошад, бе он ки интизори сипосгузорӣ дошта бошад.Ба назари ман дар достонҳои Баҳманёр ҳам рӯҳи Чехов ҳузур дорад ва ҳам рӯҳи Мопасан. Вале барои Баҳманёр ин ду бузургвор ҳар ду нозанинад, дар ҳадди худ. Ва нависанда аз эшон он чиро гирифтааст, ки зарурат дошта аст.

Достонҳое ки саҳнаи ҳаводиси он дар сарзамини дур ва ноошно қарор дорад (экзотика!)ҳамеша ҳавохоҳони фаровон дорад. Бештари мардум зиндагии бисёр маломатангез доранд ва ба ҳамин ҷиҳат барои муддате ғарқ шудан дар дунёи рангин ва моҷароҳои хатарнок ва гоҳо афсонаомез барои онҳо ҳукми халос шудан аз якнавохтии зиндагиро дорад. Ин аст, ки дунёи "Сармаддеҳ" дунёи ҷаззоб аст ва бетардид хонандаи закӣ дунболи чунин дунёи поку беолоиш ва пур аз рамзу роз аст! Вале набояд мо аз нависанда беш аз ин тавақӯъ дошта бошем.Фақат одами бисёр софу содда метавонад хаёл кунад,ки қиссаву достон қодир аст дар бораи мавзӯъоте,ки ба манзури идора кардани зиндагӣ, огоҳӣ аз онҳо барои мо аҳамият дорад ,бояд иттилоъоти мувассақ ба мо бидиҳад. Достоннавис ,дуруст ба сабаби табиъати истеъдодҳои халлоқаи худ, салоҳият надорад,ки ба чунин матлабе бипардозад. Кори ӯ истидлол нест,эҳсос кардан ва ба кор андохтани хаёл ва офаридгорӣ аст. Ӯ мутаассиб аст. Матолибе ки нависанда интихоб мекунад ва қаҳрамонҳое ки меофаринад ва тарзи талоқии ӯ нисбат ба онҳо, таҳти таъсири таасуби ӯст. Он чӣ ӯ менависад нишондиҳандаи шахсияти ӯ, таҷаллии ғароизи ӯ, эҳсосоти ӯ идроки ӯ ва таҷрибаи ӯст. Тамоюли худро ба як тараф бештар мекунад, гоҳе намедонад чӣ мекунад, вале гоҳо хеле хуб медонад. Яке аз муҳаққиқони достони муосир навишта буд, ки нависандаи достон бояд матолиби худро ҳаяҷонангез кунад. Ин тарзи муассире гарчи шояд хеле рӯшан набошад, барои баёни ин матлаб аст, ки нависанда бояд матолиби достони худро тавре тартиб бидиҳад, ки таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб кунад ва нигоҳ дорад. Ин корест, ки Баҳманёр солҳост сарбуландона анҷом медиҳад. Он чӣ аз як нависанда мемонад, осори ӯст. Албатта агар ҳақиқатан осор бошад, яъне асари мондагор бошад,варна мумкин аст,касе ҳазорон сафҳа коғазро сиёҳ кунад ва ҳеч ҷавҳаре дар он набошад. Ва боз медонем, ки ҳар нависандае китоб мехонад ва фазлу адаб касб мекунад. Аммо ҳар касе китоб бихонад ва фозилу адиб шавад, нависанда намешавад! Баҳманёр ба тамоми маънӣ Нависанда аст, яъне ҳамон шоъир,ки қадимиён мегуфтанд! ва достоннависест, истисноӣӣ, ки дар адабиёти мо собиқа надошта аст. Бетардид баррасии ҷиддии осор ва корномаи зиндагии ӯ вақте бештаре мехоҳад ва умедворам фурсат даст диҳад,то ба ин мавзӯъ баргардам ва бо далоили бештаре ба баррасии осораш бипардозам. Хушбахтона,навиштаҳои Баҳманёр барои андешидан маводи фаровон медиҳад. Ҳоло ин ҷо иктифо мекунам, узре ҳам дорам. Қасди ман дар ин навиштаҳо таҳлил ва баррасии достонҳои Баҳманёр набуд, ҳарчанд чунонки ишора кардам,ин кори муҳим бояд анҷом бишавад,ва достонҳои ӯро бояд дар матну батни адабийти ҷаҳон арзёбӣ кард. Ин ҷо ман танҳо хостам, дар остонаи хуҷастарӯзи шастумин солгарди таваллуди ӯ ба ёди ҷавониҳоямон чанде дар боғи пурсафои афсонавии хотираҳо ва достонҳои ӯ гардиш бикунам ва агар дар ин гардиш аз сафои он боғ ба ваҷд омадаам ва ҳарфҳое гуфтаам,ҳама эҳсоси ман ва андешаи ман аст,ки ин ҷо мунъакис кардаам. На беш аз ин…